# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба рисолаи илмии Саодати Раҳмоналӣ дар мавзуи “Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар мисоли ашъори адибони ҳавзаи Кӯлоб), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

Проблемаи инкишоф ва такомули тарбияи миллӣ дар заминаи педагогикаи миллӣ айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳим касб менамояд. Дар раванди ҳаллу фасли ин проблема, махсусан ташаккули тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии насли наврас ва ҷавонон бояд ашъори пурғановати адибону шоирони муосирро низ пурсамар истифода барем, зеро адабиёт ҳамеша инъикосгари ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии халқ будааст.

Маҳз дар асарҳои бадеӣ оид ба тарбият, таълим, фарҳанг ва ахлоқ фикру ақидаҳои баланду арзишманд ифода ёфтаанд. Бузургтарин шоирону мутаффакирони давраҳои гуногуни таърихӣ дар маркази асарҳои безаволи худ проблемаи тарбият ва таълими насли навро ба миён гузоштаанд.

Ба ин маънӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи тарбияи солиму комил гирифтани наслҳои наврасу ҷавонон ва хусусан, дар рӯҳияи хештаншиносию худогоҳии миллӣ тарбия дидани онҳо таваҷҷуҳ зоҳир намуда, тарбияи мазкурро, ки хоси наврасону ҷавонони кишвар мебошад, дар ҷои аввал гузоштаанд ва чунин таъкид менамоянд: «Имрӯз фурсате расидааст, ки миллати бофарҳанг, давлати соҳибистиқлол ва мамлакати соҳибтамаддуну пешрафта будани Тоҷикистонро ба аҳли олам нишон диҳем, ба қадри Ватану ватандорӣ, ба қадри истиқлолияту давлатдории миллӣ ва муҳимтарин рамзҳои он -

Нишону Парчами давлатӣ, Суруди миллӣ, Артиши миллӣ, Пули миллӣ ва Шиносномаи миллӣ бирасем ва аз он ифтихор намоем”.

Вобаста ба фикрҳои баёншуда, интихоби мавзуи интихобнамудаи Саодати Раҳмоналӣ дар мавзуи “Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои тасилоти миёнаи умумӣ (дар мисоли ашъори адибони ҳавзаи Кӯлоб) мубрам буда, ба таълиму тарбияи самараноки хонандагон, шавқу рағбати онҳо ба осори панду ҳикматии мутафаккирони классику муосир, аз ҷумла, ба эҷодиёти адибону шоирони муосири тоҷик, махсусан ашъори адибони ҳавзаи Кӯлоб зиёд мегардонад ва ҳисси ватандӯстию ифтихори миллӣ ва меҳру муҳаббати онҳоро ба ватани аҷдодӣ, эҳтиром ва ҳимояи марзу буми он меафзояд.

Ҳадафи таҳқиқотро технологияи ташаккули ҳисси ифтихори ватандорӣ ва худогоҳии миллии хонандагон бо такя ба осори назмии адибони ҳавзаи Кӯлоб дар раванди корҳои таълимиву тарбиявӣ дар асоси ғояҳои ватандӯстона ва ифтихори миллӣ таҳия ташкил медиҳад.

Ба масъалаи ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар китобҳои дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, коллеҷу донишгоҳҳои педагогӣ дастуру тавсияҳои методии муҳаққиқони тоҷик М. Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, М.Орифӣ, Х.Раҳимов, К.Б.Кодиров, Б.Раҳимов, А.Нуров, С.Э.Негматов, Х.Раҳимзода, Б.Маҷидова, Д.Н.Латифзода, Ҷ.Х.Файзализода, А.М.Мирализода, Н.М.Юнусова, Г.Иброҳимов ва дигарон рӯ оварда, паҳлуҳои гуногуни ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро дар таҳқиқотҳояшон инъикос намудаанд.

Падидаи навгонӣ ва бозёфти илмии рисолаи Саодати Раҳмоналӣ бо он арзёбӣ мегардад, ки муаллиф аз нигоҳи тозаи пажӯҳиш моҳияти тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагонро дар асоси осори назмию насрии адибони ҳавзаи Кӯлоб, механизми ташаккули тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагонро дар ҷараёни корҳои тарбиявии муассисаҳои таълимӣ, самаранокии амсила ва

технологияи ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагонро дар раванди корҳои беруназсинфӣ ва соатҳои тарбиявӣ дар асоси ашъори адибони заи Кӯлоб ошкор намудаст.

Аз нигоҳи муҳаққиқ ҳарчанд масъалаҳои ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори адибону шоирони муосир, хосатан, шоирони ҳавзаи адабии Кӯлоб С. Вализода, С. Одиназода, Ғ.Сафарзода, Ҳ. Ғоиб, С. Ҳакимзода, Х. Вализода, С.Аюбӣ, М. Ғоиб, С. Раҳмон, Н. Аюбӣ, С. Аюбзода (Маҳзун), Ш.Ёдгорӣ, Л.Хомӯш, Р.Роғӣ, М.Раҳимзода, И.Хатлонӣ, Хайриддин Қурбонов (Хайрандеш), С.Амирхон, О.Раҳмон, С.Султон, М. Зокирова васеъ матраҳ гардида бошад ҳам, вале то ҳоло дар сатҳи зарурӣ омӯхтанашуда боқӣ мондаанд ва таҳқиқоти алоҳидаи илмии педагогиро дар тарбияи насли наврас тақозо менамоянд.

Аз таҳлили адабиёти илмию методӣ бармеояд, ки мақсади таҳқиқотро муҳаққиқ дар муайян кардани ғояҳои ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб ва истифодаи он дар тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ гузошта, имконият, муҳити таълиму тарбия ва шароитҳои педагогии тарбияи хонандагонро дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ бо истифода аз ғояҳои ватандӯстона ва ифтихори миллии осори адибони ҳавзаи Кӯлоб дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор додааст.

Унвонҷӯй ба он муваффақ шудааст, ки тавассути таҳлили назариявӣ ва амалии проблемаи ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ меъёрҳои асосӣ ва нишондиҳандаҳои ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро дар хонандагон равшан ва аниқ баён намояд. Дар рисолаи тақризшаванда ноил шудан ба ҳадаф ва санҷишу тасдиқи фарзия аз нигоҳи ҳалли масъалаву вазифаҳои зерин таҳқиқи худро ёфтааст:

1. Омӯзиш ва таҳлили асосҳои педагогии тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ҳамчун як ҷузъи ҷараёни омӯзиш;

2. Муайянсозии сатҳи тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон.

3. Ошкор намудани воситаҳои самараноки тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ.

4. Таҳқиқи вазъи адабӣ, фарҳангӣ ва рушди афкор оид ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар даврони муосир, аз он ҷумла сарчашма ва манбаъҳои асосии пайдоиш ва инкишофи ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори адибон.

5. Таҳқиқ ва ошкорсозии ғояҳои ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори адибон ва коркарди амсилаи педагогии истифодаи онҳо дар тарбияи хонандагон.

6. Тавассути таҳқиқоти озмоишӣ озмудани самаранокии амсилаи пешниҳодшуда дар тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон.

– Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки бори нахуст моҳияти тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони синфҳои 7-11 дар асоси осори назмии адибон арзёбӣ гардид;

– механизми ташаккули тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон дар ҷараёни корҳои таълимию тарбиявии муассисаҳои таълимӣ бо истифода аз ашъори адибони ҳавзаи Кӯлоб муайян карда шуд;

– самаранокии амсила ва технологияи ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагони синфҳои 7-11 дар раванди таълиму тарбия дар асоси ашъори адибон собит карда шуд;

– ҷиҳати тарбияи хонандагони МТМУ бо истифода аз ашъори адибон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ низоми ташхиси психологӣ ва педагогӣ таҳия карда шуд;

– амсилаи сохторӣ-вазифавии раванди таълими муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллии

хонандагон бо дарназардошти ашъори адибон коркард ва мавриди озмоиш қарор дода шуда, самаранокии он собит карда шуд;

– технологияи ташаккули ҳисси ифтихори ватандорӣ ва худогоҳии миллии хонандагон бо такя ба осори назмии адибон дар раванди корҳои таълимиву тарбиявӣ дар асоси ғояҳои ватандӯстона ва ифтихори миллӣ таҳия карда шуд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки оид ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз ғояҳои ватандӯстонаи ашъори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб аввалин таҳқиқоти алоҳида маҳсуб меёбад. Муаллиф дар таърихи педагогикаи тоҷик бори аввал ақидаҳои ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори шоирони ҳавзаи адабии Кӯлоб бахшидашударо таҳлил намуда, ба паҳлуҳои тарбиявии онҳо ҷиддан диққат дода, мақолаю дастурҳои назариявию методӣ ба табъ расонида, барои дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагон иқдом кардааст. Ҳамчунин, тавассути таҳлили назариявӣ ва амалии проблемаи ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ меъёрҳои асосӣ ва нишондиҳандаҳои ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагон равшан ва аниқ карда шудаст.

Саҳми шахсии унвонҷӯ дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала; дар омӯзиши дурусти таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили микдорӣ ва сифатии маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада; дар истифодаи маҷмуи усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ, тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот, дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва дар коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ зуҳур меёбад.

**Боби якуми диссертатсия таҳти унвони «Асосҳои назариявии ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ»** ба

масъалаҳои назариявии ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ бахшида шуда, фарогири тавсифу баррасии ғояҳои ватандӯстию ифтихори миллӣ дар эҷодиёти адибон мебошад. Шаъну шарафи миллӣ зуҳуроти эҳтироми бепоёни фард ба ҳуввияти миллии худ, хусусиятҳои этнопсихологии миллати худ, огоҳӣ аз саҳми миллат дар фарҳанги ҷаҳонӣ, садоқат ба миллат ва амалӣ намудани фаъолияти амалӣ ба нафъи мардуми он мебошад.

Аз ҷумла, ба андешаи муҳаққиқ Саодати Раҳмоналӣ аз таҳлили ашъори адибони ҳавзаи Кӯлоб устод Ҳақназар Ғоиб бармеояд, ки ӯ Ватанро ҳақиқатан аз ҳад зиёд ҳам дӯст медорад ва ин ватандӯстдории шоири тавоно дарси ибрат ва беҳтарин сабақест барои дар рӯҳияи худогоҳию худшиносӣ ва ташаккули ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Ашъори баландмазмуни шоир яке аз сарчашмаҳои асосӣ ва аввалиндараҷаи ватанпарварӣ, хештаншиносию худогоҳӣ, ваҳдат ва ифтихори миллӣ мебошад, ки бешак, дар тарбияи ахлоқи ҳамида ва ташаккули ҷаҳони маънавии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нақши бориз дорад. Ашӯр Сафар - Шоири Халқии Тоҷикистон, Лауреати мукофоти Давлатии ба номи Рӯдакӣ, ки яке аз адибони доираи адабии Кӯлоб маҳсуб меёбад, дар шеъри худ садоқат ва меҳри бепоён доштанашро нисбат ба Ватан самимона ва бо меҳру муҳаббати бепоён иброз намудааст, ки онро унвонҷӯ дар рисолаи илмиаш аз нигоҳи ахлоқу меҳру муҳаббат ба Ватан таҳлил намудааст:

Хоки ватанам сурмаи чашмони ман аст,
Рӯи ватанам оинаи рахшони ман аст.
Нури ватанам офтоби тобони ман аст,
Меҳри ватанам дар дили ҷӯшони ман аст

Муҳаққиқ дуруст қайд намудааст, ки худшиносию худогоҳии миллӣ, ватандӯстию ватанпарварӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори адибони ҳавзаи Кӯлоб мавзуи асосӣ маҳсуб меёбад. (саҳ.32)

Албатта, дар амалӣ намудану дар замири хонандагон парваридани

масъалаи мазкур ҳарчанд пойдевори он ба таври хеле одӣ ва сода дар ҳаёти хонаводагӣ гузошта шавад ҳам, шаклу мазмуни он дар муассисаҳои таълимӣ рушду тақвият меёбад ва хонандагон тадриҷан донишу малакаи худро марбут ба ватандӯстию ватандорӣ ва ифтихори миллӣ баланд бардошта, нисбат ба ҳимояи марзу бум, азиз доштани он ва амсол ба инҳо барин хислатҳои ҳамида тарбия меёбанд. Дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия дидани хонандагон яку якбора не, балки он дар натиҷаи корбарии самараноки омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ботадриҷ дар марҳилаҳои таҳсилот рушд ёфта, дар ҷомеа корбандӣ мегардад. (саҳ.40)

Ба вақти назарсанҷӣ ва таҳлили нақшаи таълимии давлатии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, инчунин, барномаҳои таълимӣ самтҳои зерин муайяну ошкор гардидаанд:

– ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ҳамчун заминаи асосии ташаккули шахсият ниёзманд будани хонандагон;

– баландбардории ташаккули ҷаҳони маънавии хонандагон ва зуҳуроти рушди инфиродӣ;

– ҳамаҷониба таъмин намудани талаботи ҳаматарафаи муассисаҳои таълимӣ, хонавода, ҷомеа ва алоқамандии ногусастании доимии онҳо;

Мутолиа, баррасӣ, мушоҳида ва ба роҳбарӣ гирифтани ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ шаҳодат бар онанд, ки имкон, васила ва воситаҳои таълим додану тарбия намудани онҳо дар ин ҷода хеле фаровон аст. Бо вуҷуди дар осори ҳамаи адибону мутаффакирон ва бузургони гузаштаву муосир истифода гардидани мавзуи ватандӯстӣ ва махсусан, ифтихори миллӣ дар барномаи таълимӣ оид ба таълими он ҷудо кардани соатҳои алоҳида аз мадди назар дур мондааст. Бинобар ин, бо мақсади ривоҷ додани тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ҷараёни таълим дар заминаи тамаддуни фарҳангиву педагогӣ омӯзонидани мавзуъҳо зарурат дорад.

Ба андешаи муҳаққиқ, пеш аз ҳама, дастовардҳои самараноки

фаъолияти ҳар як омӯзгор марбут ба тарбияи ватандӯстию ифтихори миллӣ ҷаҳонбинӣ, маҳорат, донишу истифодаи методҳои ҷадидтарини таълимро тақозо дорад. Омӯзгор хонандагонро замоне дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия карда ба камол мерасонад, ки худаш бо дониши баланд ва ҷаҳонбинии васеи педагогию психологӣ мусаллаҳ гардидааст, аз таърихи гузаштаву муосири миллати худ, муқаддасоти миллӣ, таърихи тамаддуни башар, расму оин ва монанди инҳо ба хубӣ бохабар аст ва донишу ҷаҳони маънавии воло дорад.

Аз рӯи назарсанҷӣ маълум гардидааст, ки шаклҳои корҳои берунazсинфӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ хеле кам гузаронида мешавад. Ҳамчунин, ба талаботи давр то он ҷое, ки даркор аст, ҷавобгӯ набудани дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ чунин сабабҳо дорад:

– Ба нақшаи таълимӣ ворид нагардидани соати таълимӣ оид ба истифодаи ашъори пурғановати адибони ҳавзаи Кӯлоб;

– кам ба роҳ мондани корҳои берунazсинфӣ марбут ба мавзӯъҳои ватандӯстию ифтихори миллӣ;

– мунтазам дар алоқаи доимӣ набудани муассисаҳои таълимӣ бо хонаводаҳо;

– якмаромӣ ва беташаббусӣ ҷиҳати ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагон. Истифода нагардидан аз ашъори адибони ҳавзаи Кӯлоб дар мавриди дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагон.

Бамаврид аст, ки қайд намоем, ки тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ аз оила манша мегирад ва он корбарии доманадор ва ҳамкории доимии оила, мактаб ва ҷомеаро тақозо дорад. Дар ин маврид муҳаққиқ қайд менамояд, ки дар кори самаранок ба роҳ мондани тарбияи ватандӯстию ифтихори миллӣ ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷалб намудани хонаводаҳои намунавӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи

педагогӣ ва психологию фарҳангии падару модарон зимни ташкил ва гузаронидани суҳбатҳо, мубоҳисаву мусоҳибаҳо, лексияву конференсияҳо дорои аҳамияти калон аст.(саҳ.59)

Бо мақсади бартараф намудани душвориҳои ҷойдоштаи таълимӣ дар ҷараёни омӯзиш, корҳои беруназсинфию беруназмактабӣ ва маҳфилҳои фаннӣ (фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик) методҳои омӯзишӣ, аз қабили: саволу ҷавоб, пурсиш (пурсишҳои фардию гурӯҳӣ), мушоҳида, машварату суҳбатҳо ва амсол ба инҳо тарҳрезию корбандӣ гардидаанд. Муҳтавои нахуст ин буд, ки бо усули истифодаи саволу ҷавоб сабабҳои мушкилоти хонандагон вобаста ба ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ошкор гардидааст. (саҳ.66)

Дар боби дуюм « **Таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагон бо истифода аз ашъори адибон**» амсилаи тарбия ва рушди ватандӯстию ифтихори миллӣ ва моҳияти тарбияи ватандӯстию ифтихори миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди корбарӣ қарор ёфтааст.

Таҳияи амсилаҳои сохтории ташаккул ва рушди ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон мебошадд, ки аз 4 бахш бахшҳои (блокҳои) ба ҳам алоқаманд иборат буда, марҳилаҳои ташаккули фаъолии хонандагон ва меъёрҳои сатҳи зуҳуроти ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон ифода ва инъикос мекунад. Инчунин, қисмҳои зеринро дар бар мегирад: мақсаднок, муҳтаво, мурофиавӣ, арзёбӣ ва таъсирбахш.

Муҳаққиқ озмоиши санҷиширо (солҳои 2015-2022) дар се сатҳ: муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ баргузор намудааст.

Тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ба омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ маслиҳат додааст, ки дар чорабиниҳои беруназсинфию беруназмактабӣ ва маҳфилҳои фаннӣ мавзуъҳои марбут ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро аз ашъори адибони ҳавзаи Кӯлоб дар нақшаҳои корӣ ҷой диҳанд.

Қайд мегардад, ки марбут ба мавзуъҳои таълимӣ мушоҳида, таҳлил ва баррасию хулосабарориҳо, омӯзиш ва дар рӯҳияи ватандӯстию

ифтихори миллӣ тарбия намудани мактаббачагон нисбатан рӯ ба беҳбудӣ овардааст ва сифатан ҳам бартарӣ дида мешавад. Ба омӯзгорони шаҳру деҳот зимни амалӣ намудани зинаи муқаррарии озмоиш аз ҷониби муҳаққиқ бевосита ёрии илмию методӣ расонида шуд, ки ин усули корбарӣ дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагон бо истифодаи аз ашъори адибон Ҳ. Ғоиб, С. Ҳакимзода, Х. Ализода, С.Аюбӣ, М. Ғоиб, Н. Аюбӣ, Ш.Ёдгорӣ, И.Хатлонӣ, Хайриддин Қурбонов (Хайрандеш) ва дигарон ба қадри имкон мадад намуд.

Натиҷаҳои ҷамъбасти озмоишҳо аз ҷидду ҷаҳд, саъю кӯшиш ва дониши хуби хонандагон бобати ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ шаҳодат медод. Рафт ва натиҷаи таҷрибаи сомондода собит сохт, ки қисми зиёди хонандагон аз мавзуъҳои таълимии вобаста ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ буда, ки аз ашъори адибон  Ҳақназар Ғоиб “Ашки офтоб”, “Муждаҳои Ориёнӣ “, “Нафас то бар нафас овози вақт аст”; Хосият Ализода “Меҳани ҷон Тоҷикистон”;  Ашӯр Сафар «Самари умр», “Мунтахабот”, «Базми садоқат», «Самари умр»;  Саидҷон Ҳакимзода, “Кӯҳпора”, “Куллиёт”; Гулчини ашъори шоирони кӯлобӣ «Кӯлоби баҳороғӯш», Ашӯр Сафар ва муҳити адабии Кӯлоб  ва дигарон хулоса баровардан ва ба ҳаёт вобаста намудану корбандӣ кардани онро тадриҷан сарфаҳм мерафтагӣ шуданд.

Дар натиҷа равшан гардид, ки 19%-и хонандагон баъди мутолиаи матнҳои ба мавзуи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ марбутбуда (ва албатта, тавассути саволу ҷавобу ташкили мубоҳисаҳо аз ҷониби омӯзгорон дар дарсҳо) вобаста ба масъалаи мазкур диққати ҷиддӣ дода, аз матнҳои хондашуда (порчаҳои назмию насрӣ) дурусту бехато хулосабарорӣ намуданд. 40%-и дигари хонандагон аз уҳдаи хуб хулосабарорӣ кардан баромада тавонистанд. 25%-и дигар ба таври қаноаткунанда хулосабарорӣ карданд ва 14%-и онҳо танҳо бо ёрии омӯзгорон ба мақсад ноил гардиданд. 2%-и мактаббачагон дар ҷамъбасту хулосабарорӣ душворӣ кашиданд.

Гузашта аз ин, сатҳи тайёрии омӯзгорон дар ҳамбастагии тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ва амалӣ гардонидани он дар рафти таълими мавзуъҳо ва корҳои тарбиявии беруназсинфию беруназмактабӣ яке аз самтҳои дигари озмоиш дониста мешуд. Самти муҳими озмоиш омӯхтани маҳорат ва малакаи омӯзгорон дар ҷараёни таҳқиқот маҳсуб меёфт. (саҳ.115)

Дар фарҷоми рисола "Хулосаи умумӣ" оварда шудааст. Муҳтавои автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Мақолаҳои дар нашрияҳои илмии тақризшаванда батабърасондаи унвоҷӯй мухтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро фаро мегиранд.

Дар умум, диссертатсияи Саодати Раҳмоналӣ дар мавзуи "Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар мисоли ашъори адибони ҳавзаи Кӯлоб)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ мебошад.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ.** Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳохолӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили мазмуну мундариҷаи рисола муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Мебояд, муҳаққиқ Саодати Раҳмоналӣ дар қисмати аввали рисола барномаи мукаммали кориро оид тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро аз ашъори шоирони адабии ҳавзаи Кӯлоб дар соатҳои тарбиявӣ, корҳои бернуазсинфӣ ва маҳфилҳои фаннӣ пешниҳод намуда, сипас ташхиси онро дар қисмати амалии кор, зимни таҳияи амсила бо синну соли хонандагон алоқаманд менамуд, ки дар ин маврид арзиши амалии тадқиқотро бештар мегардид.

2. Дар рисола диққати асосӣ ба таҳлили тарбияи Ватан, ифтихор, муҳаббат, ҳувияти миллӣ, арзишҳои миллӣ, садоқат, вафо ва инчунин тарҳи "Амсилаи тарбия ва рушди ватандӯстию ифтихори миллӣ ва моҳияти тарбияи ватандӯстию ифтихори миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" дода шуда, ба ҷанбаи таҳлили педагогии мазмуни асарҳо аз нигоҳи олимону муҳаққиқон камтар диққат дода шудааст. Ҳоло он ки дар руйхати адабиёт шумораи кифояи сарчашмаҳо аз ашъори адибони ҳавзаи Кӯлоб оварда шуда, бархе аз ин сарчашмаҳо мавриди таҳлил қарор ёфтаанд.

3. Дар рӯйхати адабиёти истифодашуда корҳои илмии олимону муҳаққиқоне оварда шудаанд, ки ба мазмуни рисола рабт надоранд. Азҷумла, 66,70, 74, 96,154,163,190,206,211.

4. Дар матни диссертатсия ва фишурдаи он қисме аз ҷумлаҳо ба таҳлили мантиқию услубӣ ниёз доранд. (саҳ.29,35,53,60,72,96,107,108). Инчунин хатогиҳои китобатию имлоӣ ба назар мерасанд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Саодати Раҳмоналӣ дар мавзуи "Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар мисоли ашъори адибони ҳавзаи Кӯлоб)», дар ҳудуд ва миқёси мавзуи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводҳои заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Диссертант аз адабиёти илмии зарурӣ дар самти таҳқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад.

Хулоса, диссертатсияи Саодати Раҳмоналӣ дар мавзуи "Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар мисоли ашъори адибони ҳавзаи Кӯлоб)" кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Нуқтаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои рисолаи илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд.

Автореферат, дастур ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии рисолаи илмиро инъикос менамояд. Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Рисолаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Саодати Раҳмоналӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пурра мувофиқат мекунад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор
кафедраи психология ва сотсиологияи
идоракунии Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзализода Ҷ.Х.
18.09.2023 с.

**Маълумот барои тамос:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носиров 33.
Телефон: 918506324, E-mail: f.jumakhon@mail.ru

Имзои Файзализода Ҷ.Х.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳомидов Ш.Б.